**Ба ректори Донишгоҳи**
**давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**
**мӯҳтарам Хайрзода Ш.Қ.**

# МОНИТОРИНГ
# ОИД БА РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА

“Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония” дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар моҳи июли соли 2020

**Маълумоти умумӣ:**

Бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/Бонки ҷаҳонӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) аз 7 августи соли 2015 ҷиҳати маблағгузории Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқати он ба бозори меҳнат дар асоси натиҷаҳои озмун барои гирифтани грант байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии моолия ва иқтисоди Тоҷикистон Созишномаи грантӣ аз 30.11.2018, № 07/1 ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ «Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония»

**Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа:**

Мақсади лоиҳа ташкил намудани фазои таълимӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти азнавсозии стандартҳои таълимӣ, нақшаҳо, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо дар асоси принсипҳои Раванди Болония, инчунин ҳамгироии таълим, тадқиқот ва ҷорӣ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ дар амалияи бизнеси миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии лоиҳа иборатанд аз:

- Таҳия ва тасдиқи 6 номгӯи стандартҳои таълимӣ ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои менеҷменти молиявӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди ҷаҳон, иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, таҳлили иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.
- Гузаронидани тренингҳо дар асоси интихоби пешакии номзадҳои шавқманд ва то ҳадде тайёрбуда бо назардошти баробарии гендер.
- Таҳияи 2 номгӯи китоби дарсӣ «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» бо ду забон.
- Ташкил ва баргузории озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ» бо назардошти интихоби пешакии донишҷӯён, магистрон ва аспирантони донишгоҳ на кам аз 50 нафар.

- Амалигардонии на кам аз 4 беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ дар доираи фаъолияти бизнес-инкубатор, ки дар заминаи лоиҳа таъсис дода мешавад.
- Ташкили на кам аз 2 ширкати нави навовар ва пешкаш намудани на камтар аз 1 мол/хизматрасонии инноватсионӣ ба бозор.

**Қисматҳои лоиҳа/самтҳои асосии фаъолият:**

Компоненти 1 – Такмили барномаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи ҷараёни Болония дар чаҳорчубаи интихоби бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

Компоненти 2 – Ташкили инфрасохтори муҳити таълимӣ-инноватсионӣ баҳри татбиқ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

**Муҳлати татбиқи лоиҳа:**

Оғози лоиҳа: 1 декабри соли 2018

Анҷоми лоиҳа: 30 ноябри соли 2020

**Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа:**

| № | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Сумма, сомонӣ | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи грант | 2 293 111,00 сомони | 97,1% |
| 2 | Саҳми муассиса | 70 639,00 сомони | 2,9% |
| | **Ҳамагӣ** | 2 363 750,00 сомони | 100% |

**Маблағгузории лоиҳа:**

**Шарҳи кӯтоҳ оид ба маблағгузорӣ:**

Дар давоми моҳи июли соли 2020 ба суратҳисоби лоиҳаи грантӣ маблағ ворид нагардидааст.

Аз аввали татбиқ ба суратҳисоби лоиҳа 1 834 489,00 сомонӣ маблағи транши аввал ва дуюми грант ворид гардидааст, ки 80%-и маблағи умумии лоиҳаи грантро ташкил медиҳад. Инчунин 56 510,00 сомонӣ маблағи саҳми муассиса ба суратҳисоби лоиҳаи грант ворид гардидааст, ки ин 80%-и маблағи умумии саҳми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Маблағи умумии воридгардида ба суратҳисоби лоиҳаи грант 1 890 999,00 сомонӣ мебошад.

**Азхудкунии маблағҳо (то 31.07.2020)**

Дар давоми моҳи июли соли 2020 дар ҳаҷми 12 835,00 сомонӣ маблағи грант аз худ карда шуд, тибқи нақша 278 161,00 сомонӣ мебошад, ки 4,6 %-и нақшаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа ба 1 608 836,73 сомонӣ баробар аст, ки ин 74,3 % - и нақшаи молиявии аз аввали татбиқи лоиҳа ( 2 165 971,00 сомонӣ) пешбинишударо ташкил медиҳад.

Ҳисоботи молиявӣ замима мегардад.

**Ҳолати татбиқи лоиҳа:**

Дар давраи ҳисоботӣ, чорабиниҳои зерин амалӣ гардида, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

| № | Номгӯи чорабиниҳои нақшавӣ | Шарҳи натиҷаҳо |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Таҳияи стандартҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо аз рӯи 6 ихтисос** | Таҳияи стандартҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо аз рӯи 6 ихтисоси роиҷи донишгоҳ, ки дар лоиҳа интихоб шудаанд, аз тарафи таҳиягарон таҳия гардида буданд. Маводҳои зерин ба гурӯҳи кории лоиҳа дар Вазорат барои баррасии пешакӣ бо мактуб фиристода шуданд.<br>Ҳоло аз тарафи намояндагони лоиҳа дар Вазорат маводҳо оид ба аз нав дида баромадани онҳо бо пешниҳодҳо дастрас гардид, ки ҳамаи ин мавод ба таҳиягарони стандартҳо ва дигар аъзоёни гурӯҳи корӣ тариқи почтаи электронӣ ва чопӣ тақсим гардид. Баъди аз нав дида баромадани стандартҳои таълимӣ ва дигар маводҳои таълимӣ-методӣ тасмим гирифта шуд, ки ҳамаи аъзоёни гурӯҳи корӣ ҷамъ карда мешавад ва баъди ибрози фикру андешаҳои онҳо маводҳои мазкур барои тасдиқ ба Шурои илмӣ-методии донишгоҳ пешниҳод мегарданд. |
| 2. | **Сафари омӯзишии аъзоёни гуруҳи кории лоиҳа ба Донишгоҳи иқтисодии шаҳри Варнаи Ҷумҳурии Булғористон** | Тибқи нақшаи татбиқи Лоиҳа бояд ба 3-нафар аъзоёни гуруҳи корӣ сафари омӯзишӣ ташкил карда мешуд. Мутаассифона, сафари мазкур бо сабаби дар ҷаҳон паҳн гардидани бемории коронавирус ва аз тарафи Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ эълон гардидани пандемияи коронавирус ба вақти номуайян мавқуф гузошта шуд. |
| 3. | **Чорабиниҳо оид ба ташкил ва гузаронидани тренинг бо иштироки мушовирони хориҷӣ** | Чорабиниҳо оид ба гузаронидани тренинг дар мавзӯи «Ташкил ва фаъолияти босамари Бизнез-инкубатор» бо иштироки мушовирони хориҷӣ аз тарафи гурӯҳи кории лоиҳа босамар ба анҷом расида истодааст. Бо намояндагони Донишгоҳи иқтисодии шаҳри Варнаи Булғористон гуфтушунид гузаронида шуд. Розигии ин донишгоҳ барои гузаронидани тренинг гирифта шуд. Аллакай се нафар устоди ин донишгоҳ барои гузаронидани маъракаи мазкур муайян гардиданд ва бо онҳо шартнома баста шуда истодааст. Гузаронидани тренинги мазкур дар охири моҳи сентябр ва аввали моҳи октябри соли 2020 ба нақша гирифта шудааст. |
| 4. | **Ташкил ва гузаронидани озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ», интихоби ғолибони озмун** | Баъди бомуваффақ гузаронидани тренинг оид ба фаъолияти Бизнес-инкубатор дар донишгоҳ озмуни **«Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ»** бо иштироки тимҳои иборат аз устодони иштирокчии тренингҳо ва донишҷӯён гузаронида мешавад. Барои гузаронидани ин маърака аз тарафи аъзоёни гурӯҳи корӣ матни фармоиши ректор оид ба гузаронидани озмун, инчунин низомномаи гузаронидани озмун таҳия гардида аст. |

**Мушкилотҳое, ки ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Дар давраи ҳисоботӣ баъзе фаъолият□о, ба монанди сафари омӯзишии аъзоёни гуруҳи кории лоиҳа ба донишгоҳи шарики хориҷӣ, гузаронидани тренинги омӯзишӣ ва дигар пешбинӣ гардида буд, аммо, мутаассифона, па□н гаштани касалии коронавирус ва эълон гардидани пандемия дар тамоми □а□он барои и□роиши ин фаъолият□о мушкил□ овард ва ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонид. Аз □амин ли□оз, ин фаъолият□о ба ва□ти номуайян мав□уф гузошта шуданд.

**Мутахассис оид ба мониторинги лоиҳа** **Диловаров М.**

**03.08.2020**

*Замимаи №2*
Ба қарори Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

№221 аз “18” сентябри 2015 с.
тасдиқ гардидааст

# <u>Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон</u>

## Лоиҳаи грантии "Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония"

## Ҳисоботи молиявии татбиқи лоиҳа барои моҳи июли соли 2020

***Маблағ бо сомонӣ***

| № | Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа | Рақам ва таърихи имзои созишномаи Грантӣ | Маблағи умумии лоиҳа аз руи созишнома | Нақшаи молиявӣ | | | Маблағи воридшуда | | | Маблағи азхудкардашуда | | | Маблағи боқимонда дар суратҳисобҳои лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | |
| 1 | Маблағҳои грантӣ | №07/1 аз 30.11. 2018с. | **2 293 111,00** | 264 032,00 | 886146,00 | 2095332,00 | - | - | 1834489,00 | **12835,00** | 327 017,45 | 1 552 326,73 | ***282 162,27*** |
| 2 | Саҳми муассиса | | **70 639,00** | 14 129,00 | 35321,00 | 70 639,00 | - | - | 56 510,00 | - | 21 192,00 | 56 510,00 | - |
| **Ҳамагӣ:** | | | **2 363 750,00** | **0** | **278161,00** | **921 467,00** | **2165971,00** | **-** | **-** | **1890999,00** | **12 835,00** | **348 209,45** | **1 608836,73** |

**Ҳамоҳангсози лоиҳа** ________________________ ________________
Ному насаб имзо

**Муҳосиби лоиҳа** ________________________ ________________
Ному насаб имзо